# Т А Қ Р И З И

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Наимзода Насимҷон Қудратулло дар мавзуи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасонии сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ)**

Наимзода Насимҷон Қудратулло 12-уми августи соли 1985 дар ноҳияи Фархори вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Соли 2002 баъд аз хатми мактаби миёнаи №2 ноҳияи Бохтар ба Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Н. Хусрав (имрӯза Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав) дохил шуда, донишгоҳро соли 2007 бо ихтисоси муҳандиси системаҳои автоматикунонидашудаи коркарди ахбор ва идоракунӣ хатм намудааст.

Солҳои 2007 то 2008 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон адои хизмати ҳарбӣ намудааст. Аз моҳи апрели соли 2009 то моҳи августи соли 2009 ба ҳайси сардори шуъбаи танзимгари Раёсати мелиоратсия ва захираҳои оби вилояти Хатлон кору фаъолият намудааст.

Аз моҳи сентябри соли 2009 то инҷониб дар вазифаи омӯзгор ва саромӯзгори кафедраи технологияии иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав фаъолият намуда истодааст.

Наимзода Н.Қ. ҳангоми кор дар доираи диссертатсияи номзадӣ худро ҳамчун таҳқиқотчии тахассусманд, дорои неруи баланди илмӣ ва эҷодӣ муаррифӣ намуд, ки дар раванди омӯзиши ҷанбаҳои муҳими назариявии такмили таъминоти иттилоотии бозори хизматрасонии сайёҳӣ исботи худро ёфтааст.

Дар рафти таълифи диссертатсия аз рӯйи мавзуи таҳқиқотӣ 16 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳо чоп намудааст. Дар раванди пешбурди корҳои таҳқиқотӣ дар доираи мавзӯи таҳқиқотӣ Наимзода Н.Қ. дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ширкат намуда, доир ба муҳтавои мавзуи таҳқиқӣ бо фишурда маърӯза намудааст.

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Созмони ҷаҳонии савдо, дар замони муосир соҳаи сайёҳӣ яке аз фаъолияти ояндадор ва фоидаовар ба шумор рафта, даромаде, ки аз содироти саноати сайёҳӣ ба даст оварда мешаванд, дар қиёс бо даромади соҳаҳои дигар нисбатан зиёд мебошад.

Инчунин, зиёда аз 50 фоизи маҷмуи маҳсулоти миллии кишварҳои ҷаҳон аз ҳисоби соҳаи хизматрасонӣ, махсусан бахши сайёҳӣ ба даст оварда мешаванд. Бинобар ин, Созмони милали муттаҳид ҷомеаи ояндаро ҷамъияти хизматрасонӣ эълон намудааст. Аз ин лиҳоз, соҳаи

сайёҳӣ дар татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми хосакасб карда, ривоҷ додани таҳқиқоти илмии соҳаи мазкур дар шароити иқтисодиёти рақамӣ аҳамияти калони назариявию амалиро соҳиб гаштааст.

Унвонҷӯ дар доираи мақсади гузошташуда, муаммоҳои ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли онҳоро тавассути дарёфти воситаҳои ташаккули фазои дохилии иттилоотӣ ва марказҳои иттилоотии саёҳӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Дар раванди таҳқиқот унвонҷӯ таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои хориҷиро ба монанди Швейтсария, Италия, Фаронса ва Сочӣ омӯхта, муҳимияти таъсиси марказҳои иттилоотии саёҳиро бо дастгирии фаъоли намояндагони соҳибкории хурд барои рушди фаъолияти минбаъдаи маркази иттилоотии сайёҳии Бохтар коркард намудааст.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалаҳои коркарди асосҳои методологӣ оид ба қабули низоми комплексии таъминоти иттилоотии сайёҳӣ ва пешбурди тақсимнопазирии ҳудуд дар бозори сайёҳӣ таҳқиқот гузаронида шудааст. Усули пешкашгардидаро доир ба маркази иттилоотии сайёҳӣ, метавон ба таври манфиатнок дар сатҳи минтақаҳо, инчунин дар раванди тайёр кардани мутахассисон ва ҳамзамон дар давраи такмили мутахассисон ва кормандони соҳаи сайёҳӣ мавриди истифода қарор дод.

Навоварии илмии муаллиф аз он иборат аст, ки дар раванди таҳқиқот таҳияи тадбирҳои ташкилию иқтисодӣ, пешниҳодҳои амалӣ оид ба такмили таъминоти иттилоотии бозори хизматрасонии сайёҳӣ пешниҳод гардидааст.

Диссертатсияи номзадии Наимзода Насимҷон Қудратулло дар мавзуи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасонии сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-063-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
д.и.и., профессор **Умаров Х.**

Имзои Х. Умаров-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э.Ш.**